**ВАЗОРАТИ САНОАТ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШКАДАИ СОҲИБКОРӢ ВА ХИЗМАТ**

**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишкадаи
соҳибкорӣ ва хизмат
____________________Д.Б. Қодиров
аз «__» _________ соли соли 2014

# НИЗОМНОМА

**дар бораи роҳбари барномаҳои магистрӣ дар магистратураи Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат**

**Душанбе 2014**

# 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Низомнома дар бораи роҳбари барномаҳои магистрӣ дар магистратураи Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат (минбаъд - Низомнома) дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Низомномаи магистратура (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2007 № 650), Ойинномаи донишкада, Низомнома дар бораи магистратураи Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат аз 25 апрели соли 2013 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи илм ва маориф таҳия гардидааст.

1.2. Мақсади Низомнома аз танзим намудани муносибатҳо оид ба барномаҳои магистрӣ ва такмили таҳсил дар он, беҳтар намудани низоми тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва илмӣ-педагогӣ дар магистратураи Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат барои эҳтиёҷи соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ ва системаи илму маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

1.3. Роҳбари барномаи магистрӣ аз ҷумлаи профессорон ва докторони илми штатӣ, ки аз рӯи соҳаи касбӣ ва фанни тадрисӣ ба равияи мазкур мутобиқанд ва аз рӯи равияи барномаи магистрии амалишаванда тадқиқоти илмӣ мебарад, дар асоси қарори Шӯрои олимони донишкада таъин карда мешавад. Бо қарори Шӯрои олимони донишкада инчунин роҳбарии барномаи магистриро шахси дорои дараҷаи доктори илм PhD (аз руи ихтисос) ё худ дотсенте, ки таҷрибаи кории на камтар аз 5 сол дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дорад ва аз рӯи равияи барномаи магистрии амалишаванда тадқиқоти илмӣ мебарад, таъин карда мешавад.

1.4. Роҳбари барномаи магистрӣ метавонад, ки дар як вақт на ба зиёда аз ду равияи (ихтисоси) магистрӣ роҳбарӣ намояд.

1.5. Сарбории таълимии роҳбари барномаи магистрӣ барои иҷрои уҳдадориҳои ба ӯ вогузоркардашуда дар як соли таҳсил 96 соат (ё 6 кредит) ташкил медиҳад.

1.6. Барои роҳбарии барномаи магистрии муштарак (байналмилалӣ) ва барномаи магистрии байнифаннӣ дар асоси пешниҳоди декани факултет дар мувофиқа бо шуъбаи аспирантура ва магистратура ва муовини ректор оид ба корҳои илмӣ бо фармони ректори донишкада метавонад, ки ҳамчунин ҳамоҳангсоз (координатор) таъин гардад.

## 2. ТАЛАБОТ БА РОҲБАРИ БАРНОМАИ МАГИСТРӢ

2.1. Роҳбари барномаи магистрӣ вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

2.1.1. Ба мазмуни илмӣ ва қисми таълимии барномаи магистрӣ роҳбарии умумӣ менамояд.

2.1.2. Номгӯи мавзӯъҳои рисолаҳои магистриро аз баҳои экспертӣ ва таҳрир гузаронда, фаъолияти роҳбарони илмии онҳо ва рафти иҷроиши рисолаҳои магистрии хатмро назорат менамояд.

2.1.3. Барномаҳои корӣ (силлабус)-и фанҳои таълимӣ, барномаи таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ, барномаи таҷрибаомӯзии илмӣ-тадқиқотӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои методии марбут ба амалисозии барномаи магистриро дар мувофиқа бо шуъбаи аспирантура ва магистратура барои тасдиқ ба муовини ректор оид ба корҳои илмӣ пешниход менамояд.

2.1.4. Дар ташкил ва гузарондани аттестатсияи давлатии магистрантҳо иштирок менамояд.

2.1.5. Дар таҳияи саволномаи имтиҳонҳои тахассусии қабул ба магистратура иштирок мекунад.

2.1.6. Рафти гузаштани таҷрибаомӯзиҳои магистрантҳоро, ки дар нақшаи таълим пешбинӣ шудаанд, назорат менамояд.

2.1.7. Дар гузарондани Рӯзҳои дарҳои кушод барои довталабони магистратура, ҷойгир кардани маълумот дар сомонаи донишкада ва дигар чорабиниҳои ташфиқотӣ-тарғиботӣ иштирок менамояд.

2.1.8. Якҷоя бо мудирони кафедраҳои тахассусӣ, шуъбаи робитаҳои хориҷӣ, шуъбаи идоракунии таҳсилот робитаро бо хатмкардагон ва кордиҳандагони эҳтимолӣ ба роҳ мемонад.

2.1.9. Дар ҷаласаҳои кории марбут ба масъалаҳои магистратура иштирок менамояд.

2.1.10. Оид ба таъин намудани роҳбарони илмии рисолаҳои магистрӣ ва ба ҳимоя роҳ додани рисолаҳои магистрӣ пешниҳод омода менамояд.

## 3. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ РОҲБАРИ БАРНОМАИ МАГИСТРӢ

3.1. *Роҳбари барномаи магистрӣ ҳуқуқ дорад*:

3.1.1. Дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳое, ки ба фаъолияти магистратура дахл доранд иштирок кунад.

3.1.2. Оид ба баланд бардоштани сифати таълим, беҳтар кардани ҷараёни таълим ва кори шуъбаи аспирантура ва магистратура дар донишкада бо пешниҳодҳои ташаббусӣ баромад кунад.

3.1.3. Барои тадриси фанҳои таълимии барномаи магистрӣ дар якҷояги бо мудирони кафедраҳои марбута устодонро интихоб кунад.

3.1.4. Дар мувофиқа бо мудирони кафедраи марбута роҳбарони рисолаҳои магистриро интихоб ва пешниҳод намояд;

3.1.5. Ба иҷрои ӯҳдадориҳои вазифавии роҳбари барномаи магистрӣ аз роҳбарони дигар зерсохторҳои донишкада маълумот ва ҳуҷҷатҳои мабутаро дархост намояд.

3.1.6. Оид ба риоя гардидани тартиботи дохилии донишкада, иҷрои ҷадвали дарсӣ аз ҷониби магистрантҳо, назорати иҷроиши самаранок ва босифати супоришҳои ба онҳо додашуда тадбирҳои зарурӣ андешад.

3.1.7. Кормандоне, ки дар коркард ё тадбиқи барномаи магистрӣ саҳми арзанда доранд, тибқи тартиби муқарраргардида дар мувофиқа бо

муовини ректор оид ба корҳои илмӣ ба мукофотпулӣ ва дигар шаклҳои ҳавасмандгардонӣ пешниҳод намояд.

3.2. *Роҳбари барномаи магистрӣ уҳдадор аст:*

3.2.1. Дар коркарди консепсияи барномаи магистрӣ, тартиб додани нақшаи таълимии кории барномаи магистрӣ, тадбиқи қисми умумиилмии барномаи магистрӣ, муқаррар намудани номгӯй ва таркиби фанҳои тахассусӣ иштирок кунад.

3.2.2. Иҷроиши супоришҳои дар нақшаҳо пешбинишуда ва ҳамоҳангсозии фаъолияти устодонро бо шуъбаи аспирантура ва магистратура назорат кунад;

3.2.3. Мавзӯи рисолаҳои магистриро якҷоя бо роҳбарони илмии магистрантҳо интихоб намояд.

3.2.4. Ба мудири кафедраи тахассусӣ дар ташаккули ҳайати штатии устодон, тақсимоти сарбории таълимӣ ва назорати сифати иҷроиши он (истифодаи воситаҳои техникӣ, технологияҳои мусири таълим, гузарондани машғулиятҳо бо усулҳои интерактивӣ, дараҷаи азхудкунии фанҳои таълимӣ) кӯмак расонад.

3.2.5. Дар як соли таҳсил якҷоя бо шуъбаи аспирантура ва магистратура, декани факултети дахлдор, шуъбаи идоракунии сифати таҳсилот бо мақсади такмили ояндаи барномаи магистрӣ (на кам аз як маротиба) аудити дохилии рафти тадбиқи барномаи магистриро ба роҳ монад;

3.2.6. Магистрантҳоро ба кори конфронсу симпозиумҳо ҷалб намояд;

3.2.7. Аз натиҷаи корҳои ба сомон расонидашуда ҳар се моҳ як маротиба ба кафедраи марбута ва шуъбаи аспирантура ва магистратура ҳисобот пешниҳод намояд;

3.2.8. Дар коркард ва тадбиқи чорабиниҳо оид ба пурзур намудани интизоми меҳнатӣ ва эмин нигоҳ доштани молумулки донишкада ширкат варзад.

## 4. МАСЪУЛИЯТИ РОҲБАРИ БАРНОМАИ МАГИСТРӢ

4.1. Роҳбари барномаи магистрӣ барои ӯҳдадориҳои ба зиммаи ӯ вогузоршуда тибқи қонунгузории амалкунанда масъул аст.

4.2. Роҳбари барномаҳои магистрӣ дар тақсимоти фанҳои тадрисии барномаи магистрӣ ва интихоби устодон дар баробари мудири кафедра масъул мебошад.

4.3. Барои сифати тайёр кардани магистрантҳо аз рӯи барномаи магистрӣ масъул мебошад.

4.4. Роҳбари барномаҳои магистрӣ ҷиҳати саривақт иҷро шудани нақшаи инфродии магистрантҳо масъул мебошад.

4.5. Аз болои фаъолияти роҳбари барномаи магистрӣ шуъбаи аспирантура ва магистратура дар якҷояги бо шуъбаи идоракунии сифати таҳсилот назорат менамояд.

## 5. БАҲОДИҲИИ ФАЪОЛИЯТИ РОҲБАРИ БАРНОМАИ МАГИСТРӢ

Фаъолияти роҳбари барномаи магистрӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои зерин баҳо дода мешавад:

5.1. Мавҷудияти озмун дар маъракаи қабул ба магистратура.

5.2. Мавҷудияти шартномаҳо бо кордиҳандагон оид ба тайёр кардани магистрантҳо.

5.3. Нигоҳ доштани теъдоди мавҷудаи магистрантҳо. Вазни хоси магистрантҳои хориҷшуда бо сабаби қарзи академӣ ва вазни хоси магистрантҳои хориҷшуда бо дигар сабабҳо.

5.4. Сатҳи таъминоти таълимӣ-методии барномаи магистрӣ.

5.5. Нашри мақолаҳо аз ҷониби магистрантҳо.

5.6. Натиҷаҳои эътирофи байналмилалии барнома. Теъдоди хоси магистрҳои хориҷӣ. Тадбиқи барномаҳои муштараки хориҷӣ.

## 6. НОМГӮИ ҲУҶҶАТҲОИ АСОСИИ РОҲБАРИ БАРНОМАИ МАГИСТРӢ

6.1. Барои ба танзим даровардани кори роҳбари барномаи магистрӣ бояд тамоми ҳуҷҷатгузорӣ дар регистри алоҳида нигоҳ дошта шавад.

6.2. Ҳуҷҷатҳои асосии роҳбари барномаи магистрӣ:

6.3. Қарори Шурои олимони донишкада ва фармон оид ба таъин намудани роҳбари барномаи магистрӣ;

6.4. Низомномаи мазкур;

6.5. Стандартҳои зинаи магистратураи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи ихтисосҳо (самтҳо);

6.6. Фармонҳо, фармоишҳо оид ба ҷараёни таълим ва тадбиқи барномаи магистрӣ;

6.7. Иқтибосҳо аз семинарҳои таълимӣ-методии кафедраҳо, ки ба тадбиқи барномаи магистрӣ алоқамандонд;

6.8. Қарорҳои Шӯрои олимони донишкада, ки ба тадбиқи барномаи магистрӣ таалуқ доранд;

6.9. Нақшаҳои таълимии ихтисосҳо ва нақшаҳои таълимии инфиродии магистрантҳо;

6.10. Фармонҳо оид ба қабул, хориҷ намудан, гузарондани магистрантҳо;

6.11. Нақшаҳои дарозмуддати рушд ва мониторинги тадбиқи барномаҳои магистрӣ;

6.12. Нақшаи чорабиниҳое, ки барои дастгирии иттилоотии магистрантҳо, мутобиқсозии барномаи магистрӣ ба талаботи бозор, ҷалби маблағгузориҳои беруна барои такмили барномаи магистрӣ равона карда шудаанд.

Бо қарори Шӯрои олимони
Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат
тасдиқ шудааст
аз «30» январи соли 2014
(Суратмаҷлиси №6/4.1)